# НАҚШИ ТАЪЛИМИ ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА АМАЛҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои нави амниятӣ ба миён меоянд, масъалаи таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масунияти идеологӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Афзоиши таҳдидҳои терроризм - экстремизм дар ҷаҳон, ба баланд бардоштани сатҳи маърифат ва омодагии наврасону ҷавонон оид ба масъалаҳои амният аҳамияти хосса пайдо кардааст. Самте, ки дар ин раванд нақши муҳим мебозад, таълими омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Омодагии ибтидоии ҳарбӣ танҳо фан набуда, балки дорои хусусияти густардаи иҷтимоӣ-маърифатӣ, идеологие мебошад, ки барои тарбияи шаҳрвандони пурмасъул ва худогоҳ мусоидат менамояд. Дар доираи ин фан, хонандагон на танҳо бо асосҳои ҳимояи Ватан, бехатарии шахсӣ ва тайёрии ҳарбӣ шинос мегарданд, балки муносибати дуруст ба арзишҳои миллӣ, қонунӣ, интизоми шахсӣ - иҷтимоиро меомӯзанд.

Фаъол гардидани гурӯҳҳои экстремистӣ ва афзоиши усули нави таблиғоти ифротӣ, махсусан, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, зарурати бознигарии мазмун ва усули таълими фанро тақозо мекунад. Зеро, имрӯз радикализатсияи наврасону ҷавонон бештар дар фазои иттилоотӣ сурат мегирад, ки дар он сатҳи фикрронии танқидӣ ва саводнокии рақамӣ, яке аз воситаҳои калидии ҳимояи идеологӣ ба шумор меравад. Омезиши дониши ҳарбӣ бо тарбияи шаҳрвандӣ ва омодагии ахлоқию равонӣ имкон медиҳад, ки омодагии ибтидоии ҳарбӣ ба як низоми муосири сиёсати тарбиявии давлатӣ табдил ёбад.

Нақши воқеии таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар муқовимат ба равандҳои экстремистӣ, таҳлили имкониятҳои таълимӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили он аҳаммияти муҳим ва амалӣ дорад. Муайян мегардад, ки ин фан воситаи самаранок барои пешгирӣ ва муқовимат ба амалҳои экстремистию террористӣ истифода шавад.

Бо такя ба таҳлилҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва таҷрибаи таълимӣ, роҳҳои беҳтар намудани мазмун ва равандҳои омӯзиш, ки муттаҳидсозии омилҳои тарбиявӣ, ҳуқуқӣ ва равоншиносӣ дар барномаи фан ба рушди идеологияи устувори равонии хонандагон мусоидат мекунад. Ин раванд ба хонандагон имконияти донишҳои назариявӣ, амнияту дифоъ, маҳоратҳои амалӣ ва омӯзиши таҳлили манбаъҳои иттилоотиро фароҳам меорад.

Такмили мазмуни фан, тавассути истифодаи технологияҳои таълимии муосир, ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷалби мутахассисон лозим меояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баланд бардоштани самаранокии фан ба тарбияи насли худогоҳ, масъулиятшинос ва муқовиматпазир нисбат ба равандҳои ифротгароӣ метавонад, саҳми назаррас гузорад.

Экстремизм шаклҳои гуногун дорад - аз ифротгароии динӣ то ифротгароии сиёсӣ, қавмӣ, фарҳангӣ ва ҳатто интернетӣ. Дар солҳои охир рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва васеъ шудани фазои иттилоотӣ имкони паҳншавии идеологияҳои тундравро зиёд кардааст.

Механизми ҷалби наврасону ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ аксаран, дар зинаҳои зерин сурат мегирад:

- *фишори равонӣ тавассути паёмҳои эҳсосбарангез;*

- *манипулятсияи иттилоотӣ, бахусус, бо пешниҳоди маълумоти сохта;*

- *ваъдаҳои беасос оид ба зиндагии беҳтар, мақом ё ҳимоя;*

- *таъсир ба ҳисси адолатталабӣ ва норозигӣ;*

- *ҷудосозӣ аз ҷомеа, бо таъкид ба «худӣ» ва «бегона».*

Барои давлат ва ҷомеа экстремизм аз чанд ҷиҳат хатарнок аст: таҳриб ба фарҳанг ва ҳувияти миллӣ - экстремизм мафкураи миллиро заиф карда, муносибатҳои байниэтникӣ ва иттиҳоди ҷомеаро халалдор месозад. Он кӯшиш мекунад, ки арзишҳои бегона ва барои ҷомеа номатлубро ҷойгузини фарҳанги миллӣ гардонад.

Фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ ба амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Дар асри рақамӣ, маълумоти шахсӣ метавонад ба осонӣ ба дасти гурӯҳҳои манфиатдор афтад ва барои фишор, таҳдид ё ҷалб истифода шавад. Аз ин сабаб, хонандагон бояд қоидаҳои оддии амнияти рақамиро омӯзанд: истифодаи рамзҳои мустаҳкам, ҳифзи маълумоти шахсӣ, эҳтиёт дар назди истинодҳои номаълум, баҳо додан ба манбаъҳои иттилоотӣ, худдорӣ аз мубодилаи маълумоти ҳассоснок. Яъне насли нав бо дониш, малака ва ҷаҳонбинии дуруст муҷаҳҳаз мешавад, то дар баробари ҳар гуна таблиғоти ифротӣ ва таҳдидҳои амниятӣ муқовимати устувор нишон диҳад. Ин раванд ба ҳифзи суботи ҷомеа ва таҳкими амнияти миллӣ саҳми хеле муҳим мегузорад.

Инкишофи малакаҳои иҷтимоӣ-психологии фан имкони омӯзиши кор дар гурӯҳ, қобилияти қабули қарор дар ҳолатҳои душвор, интизоми шахсӣ, ташаккули устувории равониро фароҳам меорад.

Дар раванди таълими фан, машқҳои амалӣ, бозиҳои ҳарбӣ, тақсимоти вазифаҳо ва иҷрои корҳои даставӣ ба онҳо дар муҳити коллективӣ ҳамкорӣ, масъулият, баҳсҳоро ба таври созанда меомӯзанд. Машғулиятҳои моделсозӣ (симулятсия), саҳнасозии ҳолатҳои фавқулода ва омӯзиши тактикӣ хонандагонро водор месозанд, ки дар вазъиятҳои фишоровар, дар вақти маҳдуд ва бо маълумоти нокифоя қарорҳои дуруст қабул кунанд. Омӯзиши тартиботи ҳарбӣ, риояи қоидаҳо, эҳтироми низом ва иҷрои вазифаҳо ба хонандагон меомӯзад, ки қонун ва тартибот асоси амнияти ҷамъиятӣ мебошад. Ин малакаҳо дар рушди ҳамбастагӣ ва тафаккури гурӯҳӣ, ки яке аз унсурҳои муҳимми муқовимат ба ҷудоиандозии экстремистӣ мебошад, нақши калидӣ мебозанд.

Ҳамкорӣ бо мутахассисон ва сохторҳои давлатӣ ҷалби намояндагони Қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ, ВКД, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, равоншиносон ва таҳлилгарони масоили амниятӣ ба баланд шудани сифати таълим мусоидат мекунад. Яке аз самтҳои муҳим дар такмили мазмун ва сифати таълими омодагии ибтидоии ҳарбӣ - ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони соҳа ва сохторҳои давлатӣ мебошад. Зеро масъалаҳои амният, муқовимат ба экстремизм ва тарбияи ватандӯстӣ танҳо бо қувваи мактаб ҳал намешаванд; онҳо ниёз ба таҷриба, малака ва захираҳои иловагии сохторҳои қудратӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ ва таҳлилӣ доранд.

Ҳамкорӣ бо мутахассисон ва сохторҳои давлатӣ ба таълими фан имконият медиҳад, ки:

- мазмун ва сифати таълим баланд гардад;

- хонандагон бо таҷрибаи воқеии амниятӣ рӯ ба рӯ шаванд;

- малакаҳои амалии амниятӣ ва зиддиэкстремистӣ ташаккул ёбанд;
- ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии онҳо таҳким ёбад;
- муҳити солими иҷтимоӣ барои рушди хонандагон фароҳам гардад.

Чунин ҳамгироӣ амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоиро тавассути наврасон ва ҷавонон тақвият дода, онҳоро ба як неруи фаъол ва масъулиятшиноси ҷомеа табдил медиҳад.

Хулоса, таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар шароити муосир танҳо омодагии физикӣ ва ҳарбӣ нест, балки як низоми муҳимми тарбия ва маориф мебошад, ки дар баланд бардоштани сатҳи худогоҳии амниятӣ, худшиносии миллӣ ва муқовимат ба экстремизм нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, такмили методҳо, таҷҳизонидани фан бо маводи муосир, ҳамкорӣ бо мутахассисони амният ва мутобиқсозии барнома ба талаботи замон вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар раванди таълими фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ хонандагон малакаҳои муҳимми шаҳрвандӣ ва иҷтимоиро аз худ карда, интизоми шахсӣ, қобилияти қабули қарор дар вазъиятҳои мураккаб, ҳамкорӣ дар гурӯҳ ва устувории равониро ташаккул медиҳанд.

**Давлатзода Сарвиноз - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ**